*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 109 (4529) | ҶУМЪА, 2 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**1 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро мавриди истифода қарор доданд.**

Он аз бинои марказии 10-ошёна бо ду бинои 4-ошёна аз канорҳои чапу рост иборат буда, барои фаъолияти маъмурият ва таълими донишҷӯён пешбинӣ шудааст.

Бино аз 62 синфхонаи таълимии барҳаво бо ғунҷоиши аз 20 то 30 ҷои нишаст, толори компютерӣ бо 80 ҷои нишаст, 90 ҳуҷраи корӣ, 26 нуқтаи ёрирасон, 2 толори лексионӣ бо 500 ҷои нишаст, 2 толори маҷлис бо 50 ҷои нишаст ва 4 озмоишгоҳи таълимӣ барои омӯзиши нозукиҳои илми тиб иборат мебошад.

Дар бинои маъмурӣ ва таълимии навбунёд толори калони маҷлисӣ бо 1 ҳазору 600 ҷои нишаст сохта шудааст.

Толори бошукӯҳу барҳавои маҷлис 7 ҳазору 437 метри мураббаъ масоҳат дорад. Он бо санъати гаҷкорӣ ва нақшу нигори миллӣ ба таври зебо ороиш ёфта, барои баргузории ҷамъомаду чорабиниҳои илмию сиёсӣ, маърифатӣ ва фарҳангию фароғатӣ мувофиқ аст.

Масоҳати толори хониши электронӣ 291 метри мураббаъ буда, дорои 80 ҷои нишаст мебошад, ки барои донишҷӯён ҷиҳати аз бар намудани илму дониши муосири тиббӣ мувофиқ мебошад.

Дар ошёнаҳои аз як то сеюм ҳуҷраҳои маъмурӣ, аз ҷумла раёсати рушди кадрӣ, маркази технологияи иттилоотӣ, маркази омӯзиши симулиятсионӣ ва факултетҳо, ҷойгир буда, бо мизу курсӣ ва дигар шароити муосири корӣ муҳайё мебошанд.

Дар ошёнаҳои аз 4 то 9-уми он 6 кафедра ҷойгир шудааст, ки аз синфхонаҳои кушоду барҳаво ва озмоишгоҳи замонавӣ иборат мебошанд. Кафедраи биохимия, ки дар ошёнаи 4-ум ҷойгир аст, дорои шароити муосири гузаронидани озмоишҳои кимиёвӣ аст, ки он ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо васеъ истифода мегардад.

Дар партави дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди муассисаи таълимӣ «Маркази омӯзиши симулятсионӣ» таъсис дода шудааст. Он дар ошёнаи якуми бинои нав ҷойгир буда, бо дастгоҳҳои омӯзишӣ муҷаҳҳаз аст.

Марказ аз 7 ҳуҷраи махсусгардонидашуда иборат буда, дар он вобаста ба салоҳияти асосии табибон барои расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, ҳуҷраҳои муоинаи бемор, реаниматсияи дилу шушҳои калонсолон, наврасон ва навзодон, ҳуҷраи ултрасадо ва ҳуҷраи расонидани кумаки аввалияи тиббӣ шароити мусоид фароҳам мебошад.

Инчунин, дар марказ автомашинаи «Ёрии таъҷилӣ» насб карда шудааст, ки тариқи он донишҷӯён ҳолати расонидани кумаки аввалияи тиббиро меомӯзанд.

Дар баробари ин, дар ошёнаи якуми бино студияи таълимӣ таъсис дода шудааст, ки барои сабти маводи таълимии видеоӣ, видеолексияҳо, мустақиман баргузор намудани вохӯрӣ ва ҳамоишҳо тариқи фосилавӣ мусоид аст.

Дар ошёнаи 10-уми иншооти тозабунёди донишгоҳ осорхона мавҷуд мебошад, ки дар он ёдгориҳои таърихӣ, аксу мусавварахо ва дигар маводи вобаста ба таърихи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино нигоҳ дошта мешаванд.

Китобхонаи кушоду барҳавои донишгоҳ дорои зиёда аз 690 ҳазор нусха адабиёти гуногуни илмиву дарсист.

Дар ҳудуди Маҷмааи таълимии шаҳраки «Шифобахш» - и донишгоҳ бинои 2 - ошёнаи ошхонаи замонавӣ бо 600 ҷои нишаст барои донишҷӯён



ва омӯзгорон сохта шуд, ки масоҳати он 3 ҳазору 42 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино яке аз муассисаҳои бонуфузи олии таълимии мамлакат ба шумор рафта, дар самти омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи тандурустӣ саҳми калон дорад.

Донишгоҳ аз рӯи 5 ихтисос – «кори табобатӣ», «педиатрия», «ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», «духтури дандон» ва «фарматсия» мутахассис омода менамояд.

Ҳамчунин, аз рӯи 40 ихтисоси таҳсилоти баъдидипломӣ таҳсил дар интернатура, ординатураи клиникӣ, магистратура, аспирантура, докторантура ва таҳсилоти иловагӣ ба роҳ монда шудааст.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 83 сол боз барои муассисаҳои тандурустии мамлакат мутахассис тайёр карда, пойгоҳи асосии таълимӣ, илмию методии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар донишгоҳ як академик, 4 узви вобастаи Академияи миллии илмҳо, 85 доктори илм, профессор, 254 номзади илм, дотсент ва 406 муаллими калон ва ассистент фаъолият доранд.

Донишгоҳ дар давраи фаъолияташ зиёда аз 46 ҳазор нафар табиб тайёр кардааст, ки аз он 1 ҳазору 500 нафарашон шаҳрвандони хориҷӣ аз 36 давлат мебошанд.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар 83 соли фаъолият зиёда аз 46 ҳазор нафар табибу фарматсевти баландихтисосро тайёр кардааст, ки 63 дарсади он ба давраи соҳибистиқлолии кишвар рост меояд.

Инчунин, Донишгоҳи тиббӣ 1 ҳазору 634 нафар кадрҳои илмиро барои соҳаи тиб омода кардааст, ки аз онҳо 228 нафар доктирони илм ва 1 ҳазору 406 нафар номзади илм мебошанд. Ин нишондод аз фаъолияти пурсамари донишгоҳ шаҳодат медиҳад.

(Давомаш дар саҳ. 2)





## БО ДАРСИ СУЛҲ ОҒОЗ ГАРДИДАНИ СОЛИ НАВИ ХОНИШ БАРОИ МО АҲАМИЯТИ ХОСА ДОРАД

### Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

**шаҳри Душанбе, 1 сентябри соли 2022**

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шуморо бо фарорасии соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш, ки бо дарси сулҳ оғоз мегардад, ҳамчунин, ба муносибати ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино самимона табрик мегӯям.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ин рӯз ҳамчун санаи гиромидошти илму дониш ва маърифату маънавиёт таҷлил мегардад, ки гувоҳи равшани таваҷҷуҳи доимӣ ва хоссаи Ҳукумати мамлакат ба соҳаи илму маориф мебошад.

Мо ба хотири рушди илму маориф тамоми захираву имкониятҳоро равона кардаем ва ин корро минбаъд низ бомаром идома медиҳем, зеро ояндаи миллат ва фардои давлат ба наслҳои ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон, дорои ҷаҳонбинии васеъ, меъморону муҳандисон, ихтироъкорону навоварон, дигар ихтисосҳои замонавӣ ва касбу ҳунарҳои муосир вобастагии мустақим дорад.

Мехоҳам таъкид намоям, ки бо дарси сулҳ оғоз гардидани соли нави хониш барои мо – мардуми Тоҷикистон сабаб ва аҳамияти махсус дорад. Сокинони кишвари мо ҳанӯз дар оғози солҳои навадуми асри гузашта даҳшати ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузарониданд ва сабақҳои талхи он фоҷиаи миллиро ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми шарифи Тоҷикистон ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд, ин неъмати бо қимати гарон ва заҳмати зиёд бадастомадаро ҳифз мекунанд ва ба фарҳанги сулҳ ҳамчун маромномаи ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии худ арҷ мегузоранд.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки оқибати ҷанг танҳо даҳшату харобӣ, наҳсу қашшоқӣ, ҳалокати одамони бегуноҳ, фирори сокинон аз Ватан ва ҷои зисти худ ва дигар мушкилоту маҳрумиятҳо мебошад. Баръакс, танҳо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ омили асоситарини амалӣ гардидани нияту орзуҳои ҳар як фард, татбиқи нақшаҳои созанда барои фардои ободи кишвар ва зиндагии шоиставу арзандаи мардум ба ҳисоб меравад.

Чунон ки ҳамватанони азизи мо мушоҳида мекунанд, имрӯз вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу мураккаб ва пешгӯинашаванда гардидааст, ки истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва ҳатто ҳастии таърихии баъзе кишварҳо ва халқу миллатҳоро таҳти хатари ҷиддӣ қарор додааст.

Дар чунин шароити ниҳоят печидаву буҳронӣ ва дар замоне ки раванди аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва захираҳои табиии сайёра, яроқнокшавии бошитоб марҳилаи дубораи «ҷанги сард» торафт шиддат мегирад, мо вазифадорем, ки барои ҳифзу таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоем.

Таъкид менамоям, ки имрӯзҳо инсоният баъди қариб ҳаштод сол, яъне пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон, дар мушкилтарин ва хатарбортарин давраи таърихи худ қарор дорад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди соҳаи маориф ва илм, фароҳам овардани шароити муосир барои таълиму тарбияи наслҳоиояндасози Ватан ва омода намудани кадрҳо барои иқтисоди миллӣ то имрӯз бисёр иқдомоти созанда ва ба оянда нигаронидашударо амалӣ гардонид. Зеро давлатро танҳо мутахассисони соҳибтаҷриба ва шахсони дорои дигар ихтисосҳои замонавӣ, яъне кадрҳои баландихтисос, обод мекунанд.

Дар шароити пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо танҳо кишварҳое рушд мекунанду мақому ҷойгоҳи сазовори худро нигоҳ дошта метавонанд, ки мардуми босаводу соҳибмаърифат, олимону донишмандон, кадрҳои баландихтисосу ихтироъкор ва техникаву технологияҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй дошта бошанд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АНТОНИУ ГУТЕРРИШ

**1 сентябри соли 2022 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш доир гардид.**

Ҷонибҳо атрофи ҳолати кунунӣ ва ояндаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид мубодилаи афкор анҷом доданд. Дар ин зимн маҷмӯи масъалаҳои мубрами рушди устувор, таъмини сулҳу субот ва амнияти минтақавӣ баррасӣ гардид. Пешвои миллат омодагии ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати идомаи ҳамкории созанда бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои сохтории он дар самтҳои мазкур иброз доштанд.

Ҳамчунин, вазъи имрӯзаи Афғонистон, масъалаҳои вобаста ба тақвияти сарҳадоти Тоҷикистон бо ин кишвари ҳамҷавор ва идомаи расонидани кумакҳои башарӣ ба мардуми азияткашидаи Афғонистон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Дар хотимаи суҳбат Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ба сиёсати мутавозин ва мавқеи оқилонаи Сарвари давлати Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзмарраи минтақавӣ ва байналмилалӣ баҳои баланд доданд.

**www.president.tj**

## ВОХӮРИИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО ВАЛИД ИБНИ АБДУРРАҲМОН-АР-РУШАЙДОН



**1 сентябри соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода бо сафири подшоҳии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валид ибни Абдурраҳмон-ар-Рушайдон мулоқот намуда, равобити байни парлумонии ҳар ду кишварро баррасӣ карданд.**

Зикр гардид, ки механизми муҳими ҳамкорӣ байни ҳар ду кишвар Комиссияи муштараки байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ буда, барои ҳамкории мутақобилан судманд соҳаҳои ояндадор зиёданд.

- Парламенти Тоҷикистон ҷиҳати густариши бештари муносибатҳои ҳамкорӣ бо Маҷлиси Шӯрои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ омода аст, ки пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро таҳким бахшад, - иброз дошт Файзалӣ Идизода.

Сафири подшоҳии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валид ибни Абдурраҳмон-ар-Рушайдон барои пазироии самимонаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ арзи сипос намуда, изҳор дошт, ки ҷиҳати тақвияти муносиботи байнипарлумонии кишвараш ва Тоҷикистон талош хоҳад кард.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,
мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**








# ДАР БАРОБАРИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ БА ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ НИЗ ТАВАҶҶУҲ ХОСА АСТ

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи 5 мактаби миёнаи раванди таҳсилашон ба забони русӣ дар Тоҷикистон

**шаҳри Душанбе, 1 сентябри соли 2022**

**Муҳтарам Владимир Владимирович, Шуморо шодбош мегӯям!**

**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**

**Хонандагони азиз!**

Сидқан хушнудам, ки ҳамроҳ бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Владимирович Путин дар маросими имрӯзаи ифтитоҳи муассисаҳои нави таълимӣ иштирок менамоям.

Хуб дар ёд дорам, ки соли 2019 мо ҳамроҳи муҳтарам Владимир Владимирович ба татбиқи лоиҳаи сохтмони панҷ мактаби таълимашон бо забони русӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Турсунзода, Кӯлоб ва Бохтар, инчунин дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе оғоз бахшидем.

Хушҳолам, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ мо тавонистем, онро пурра амалӣ намоем ва насли наврасu мо барои таҳсил дар мактабҳои нави муҷаҳҳаз бо технология ва таҷҳизоти пешрафтаи таълимӣ имкониятҳои иловагӣ пайдо карданд.

Мехоҳам аз номи Ҳукумати Тоҷикистон, инчунин аз номи худам ба Ҳукумати Федератсияи Россия ва шахсан ба Шумо, муҳтарам Владимир Владимирович, барои дастгирӣ ва мусоидати ҳамаҷонибаатон ҷиҳати анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ ва сари вақт ба истифода додани муассисаҳои нави таълимӣ изҳори сипос намоям.

Басо рамзист, ки онҳо дар соли ҷашнии барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳоямон дарҳои худро ба рӯи омӯзгорону хонандагон боз менамоянд.

Дар давоми се даҳсолаи охир Тоҷикистон ва Россия дар роҳи рушд ва таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ, ки дарвоқеъ имрӯз тамоми самтҳои асосии ҳамкориро фаро мегиранд, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дар рӯзномаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Россия масъалаҳои вобаста ба густариши пайвастаи равобити гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг, мақоми хосса доранд.

Тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ дар раванди мулоқоту тамосҳои доимӣ дар сатҳи олӣ ҳамеша мавриди баррасӣ қарор дорад.

Дар давраи гузашта заминаи зарурии шартномавию ҳуқуқии бахшҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотии муносибатҳоямон фароҳам оварда шуд. Дар сатҳи ҳукуматҳо, идораҳои соҳавӣ ва донишгоҳҳои ҳар ду кишвар зиёда аз дусад санад оид ба ҳамкории дуҷониба ба имзо расидааст, ки ҳамчун заминаи боэътимоди густариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм хизмат менамоянд.

Барои ҳамкории ҳамаҷонибаи марказҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва донишгоҳҳои ду кишвар заминаи мусоид гузошта шудааст. Ҳамкории пурсамари олимони Тоҷикистон ва Россия бисёр самтҳои мубрами илмию амалиро дар бахшҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва гуманитарӣ, инчунин технологияҳои инноватсионӣ фаро мегирад. Саъю талошҳои мо дар роҳи тавсеаи имкониятҳо ҷиҳати гирифтани маълумоти миёна ва олӣ ба забони русӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд.

Имрӯз дар кишвари мо 39 мактаби таҳсилашон ба забони русӣ мавҷуд буда, дар онҳо тақрибан 27 ҳазор нафар хонандагон таълим мегиранд. Ҳамчунин, зиёда аз 160 мактаби омехтаи тоҷикӣ-русӣ фаъолият дорад, ки фарогири ҳудуди ҳафтод ҳазор хонанда мебошад.

Дар баробари ин, тибқи меъёрҳои давлатӣ, омӯзиши забони русӣ ҷузъи ҳатмии барномаҳои таълимӣ маҳсуб шуда, шурӯъ аз синфи дуюм дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҳудуди чор ҳазор мактабро ташкил медиҳанд, омӯхта мешавад.

Имрӯз дар доираи лоиҳаи алоҳидаи иҷтимоӣ омӯзгорон аз Россия дар муассисаҳои таълимии мо ба кӯдакони мо таълим медиҳанд. Дар ин замина масъалаи бо китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ таъмин намудани мактабҳои мо ҳанӯз ҳам мубрам мебошад.

Дар шаҳри Душанбе таҳти сарпарастии ҳар ду кишвар Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон фаъолияти самаранок дорад. Илова бар ин, дар Тоҷикистон филиалҳои донишгоҳҳои бонуфузи Россия, аз қабили Донишгоҳи давлатии Москва, Донишкадаи энергетикии Москва ва Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии «МИСиС» бомуваффақият фаъолият доранд.

Дар маҷмӯъ, бо дарназардошти донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон ва филиалҳои зикршудаи донишгоҳҳои Россия, шумораи ҷавонони тоҷик, ки бо таҳсил бо забони русӣ фаро гирифта шудаанд, беш аз сӣ ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар беш аз ҳафтсад донишгоҳи Россия ҳудуди бисту панҷ ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон таҳсил менамоянд. Хатмкунандагони донишгоҳҳои Россия ҷавобгӯи ниёзмандиҳои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ буда, аз ҳисоби онҳо иқтидори кадрии бахшҳои хизмати давлатӣ, дипломатия, илму педагогика ва фарҳангу санъати тоҷик пайваста пурра мегардад.

Мо алоқаманди тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ҳастем. Аз ифтитоҳи филиалҳои нави донишгоҳҳои Россия дар Тоҷикистон, ки дар онҳо метавонем мутахассисонро мутобиқ ба самтҳои афзалиятноки рушди кишвар омода созем, истиқбол мекунем.

Мо аз ҷониби Россия ҷиҳати ҳамасола ҷудо намудани бурсияҳои таҳсилотӣ ба Тоҷикистон аз рӯи доираи васеи ихтисосҳое, ки кишвари мо ба онҳо ниёзи зиёд дорад, миннатдорем.

Шумораи ин бурсияҳо дар ҳоли ҳозир ба 750 адад мерасад ва мо бо муҳтарам Владимир Владимирович ба мувофиқа расидем, ки ин шумораро ба ҳазор мерасонем.

**Муҳтарам иштирокчиёни маросим!**

Мо сиёсати забонро пайваста пеш бурда, дар баробари забони давлатӣ ба инкишофи забони русӣ ба таври маҷмӯӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоем ва ин тасодуфӣ нест.

Тавре маълум аст, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони русӣ мақоми забони муоширати байни миллатҳо дода шудааст.

Ду сол қабл дар доираи Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тасмим гирифта шуда буд, ки соли 2023 «Соли забони русӣ» эълон гардад. Дар ин замина, мо ба мувофиқа расидем, ки барои дастгирӣ ва инкишофи забони русӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла дар Тоҷикистон, чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дар маҷмӯъ, мехоҳам зикр намоям, ки Тоҷикистон ба инкишофи минбаъдаи тамоми маҷмӯи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ бо Россия манфиатдор мебошад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон мақсад дорад, ки барои тавсеаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва тадқиқотии ҳар ду кишвар, аз ҷумла дар самти омода кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ, чораҳои зарурӣ андешад.

**Муҳтарам Владимир Владимирович!**

**Муҳтарам иштирокчиёни маросим!**

Дар хотима мехоҳам ба сохтмончиён ва ба ҳамаи онҳое, ки дар татбиқи лоиҳаи сохтмони мактабҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Турсунзода, Кӯлоб ва Бохтар садоқатмандона иштирок доштанд, миннатдорӣ баён намоям.

Намояндагони яке аз касбҳои бошараф – омӯзгорони гиромии моро, ки имрӯз дар ин муассисаҳои таълимӣ ба фаъолият шурӯъ мекунанд, табрик мегӯям.

Бовар дорам, донише, ки хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мегиранд, дар ташаккули онҳо ҳамчун шахсиятҳои созанда, ки дар таъмини рушди устувор ва шукуфоии кишвар саҳмгузор мегарданд, мусоидат хоҳад кард.

Ҳамчунин, хонандагони азизамонро, ки имрӯз таҳсилро дар ин муассисаҳо оғоз менамоянд, табрик мегӯям. Мутмаинам, ки падарону модарон ва хонандагон аз чунин туҳфа дар Рӯзи дониш, ки имрӯз дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон таҷлил мегардад, самимона шод ҳастанд.

Илова ба табрикот мехоҳам ба ҳама он касоне, ки ба рӯйдоди муҳими имрӯза иртибот доранд, рифоҳу хушрӯзӣ ва комёбиҳо таманно намоям!

**Ташаккур барои таваҷҷуҳ.**

# ИШТИРОКИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ВЛАДИМИР ПУТИН ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ 5 МАКТАБИ МИЁНА БО ЗАБОНИ РУСӢ

**1 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи 5 мактаби миёнаи русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Маросими ифтитоҳи мактабҳои нав бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин ба таври маҷозӣ сурат гирифт. Нахуст оид ба охирин омодагиҳо ба расми ифтитоҳи муассисаҳои нави таълимӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ва вазири маорифи Федератсияи Россия Сергей Кравтсов маълумот доданд.

Ба сарони давлатҳо ва дигар иштирокчиёни маросими ифтитоҳи мактабҳои замонавӣ оид ба ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои бунёди муассисаҳои таълимӣ видеофилми кӯтоҳ намоиш дода шуд.

Бояд гуфт, ки дар доираи ҳамкории судманди Тоҷикистону Россия дар шаҳри Душанбе дар масоҳати умумии 2,4 гектар муассисаи таълимии муосир барои 2 ҳазору 448 хонанда дар ду баст сохта шуд.

Дар маҳали бунёди мактаби нав дар маросими ифтитоҳи он Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ иштирок карданд.

Сипас, дар маросими ифтитоҳи 5 мактаби нави русӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин бо нутқи пурмуҳтаво оид ба ҳолати кунунӣ ва дурнамои равобити ҳар ду кишвар, бахусус дар бораи самараи ҳамкориҳои судманд дар соҳаи илму маориф, суханронӣ карданд.

Сипас, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин дар вазъияти тантанавӣ барои буридани лентаи рамзӣ ва ба фаъолият оғоз кардани мактабҳои замонавии русӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат доданд.

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ




(Идома аз саҳ. 1)

Дар соли таҳсили 2022 шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ 13 ҳазору 504 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳар сол шумора ва географияи шаҳрвандони хориҷии хоҳиши дар донишгоҳи мазкур таҳсилкунанда афзоиш ёфта, дар соли таҳсили 2021-2022 дар донишгоҳ қариб ду ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз 20 давлати дунё ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, дар ин сол 1 ҳазору 874 мутахассиси соҳаи тандурустӣ тайёр шудаанд, ки аз онҳо 1 ҳазору 518 хатмкардагон шаҳрвандони мамлакат ва 356 нафари дигар хатмкардагони хориҷӣ аз нуҳ давлати ҷаҳон мебошанд. Аз шумораи умумии хатмкардагони ватанӣ, 380 нафар буҷавӣ, 254 нафар тариқи Квотаи президентӣ ва 884 нафар тариқи шартнома таҳсил намуданд.

Таи панҷ соли охир аз тарафи раёсати донишгоҳ бо зиёда аз 150 муассисаи илмию таълимӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло донишгоҳ бо кишварҳои хориҷ, аз қабили Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Молдова, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Туркия, Италия, Шоҳигарии Австрия, Олмон, Швейтсария, Канада, Литва, Эстония ва Корея ҳамкории зич дорад.

Даҳ соли охир ба донишгоҳ 1 ҳазору 445 донишҷӯ тибқи Квотаи президентӣ қабул шудааст.

Дар сохтори донишгоҳ, ҳамчунин, Хадамоти ректор, 2 раёсат, 12 шуъба, 8 бахш, 15 марказ, 5 факултет, 59 кафедра, аз ҷумла 35 кафедраи клиникӣ, 16 кафедраи назариявӣ ва 8 кафедраи умумитаълимӣ, 20 шӯро ва 27 озмоишгоҳи таълимию илмӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд.

Дар даҳ соли охир 12 марказ, 5 шуъбаи алоҳида ва чор озмоишгоҳ таъсис дода шудааст, ки самаранок гардидани раванди таҳсилот ва фаъолияти донишгоҳро таъмин менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз шароити фароҳамгардида дар бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъкид намуданд, ки бо истифода аз беҳтарин шароити дар ин боргоҳи бузурги таълимӣ фароҳамгардида, дар самти тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро ҷомеаи имрӯза ба кадрҳои соҳибтахассуси ин даргоҳ ниёз дорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун анъанаи нек дар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ дар бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино суханронӣ карданд.**

Баъд аз суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ донишҷӯёну устодони донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ Нозия Аминбекзода,



Тоҷиддин Раҳмон, Изаттуло Ҳомидзода, Розияи Ғаффор, Меҳрнигори Музаффар ва Рамазон Сафарзода баромад карданд.

**1 сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи таълимии хусусии «Мактаби муосири байналмилалӣ»-ро ба истифода доданд.**

Он дар доираи дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иқдоми шахси саховатпешаи ватанӣ бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ барои 640 хонанда дар як баст бунёд шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2021 дар асоси Қарори Раиси шаҳри Душанбе оғоз гардида, бо ҷалби мутахассисону муҳандисони дохилӣ бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расид.

Таълимгоҳ аз чор бинои чорошёна бо таҳхона иборат буда, дорои 52 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла кабинетҳои фаннии химия, физика, математика, астрономия, табиатшиносӣ, биология, география, синфхонаҳои лингафонӣ, нақшакашӣ, таълими меҳнати писаронаю духтарона, синфхонаҳои компютерӣ, толори мусиқиву хореографӣ, озмоишгоҳҳо, китобхона бо толори барҳавои хониш, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандон ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Омӯзгорону хонандагон барои кору таҳсил дар «Мактаби муосири байналмилалӣ» дар асоси озмун қабул мегарданд ва фаъолияти муассиса дар асоси барномаи таълимии «Кембриҷ» -и Британияи Кабир амалӣ мешавад.

Дар мактаб барои таълиму тарбияи наврасон шароити заруриву мутобиқ ба меъёрҳои сатҳи байналмилалӣ фароҳам шуда, омӯзиш дар он бо забонҳои англисӣ ва русӣ сурат мегирад.

Бо ифтитоҳи мактаби нав дар шаҳри Душанбе 100 нафар, аз ҷумла 50 кас, ба ҳайси омӯзгор бо ҷои кор ва маоши баланд таъмин гардиданд. 20 фоизи хонандагону омӯзгорони онро шаҳрвандони хориҷӣ ташкил медиҳад.

Ошхонаи мактаб бо 300 ҷои нишаст дар ошёнаи якуми бинои таълимӣ қарор дошта, хонандагон ду вақт бо хӯроки гарм таъмин мегарданд. Биноҳои муассисаи муосири таълимӣ бо системаи гармидиҳӣ ва огоҳкунанда аз сӯхтор пайвастанд.

Дар мактаб бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани ҷамъомаду чорабиниҳои гуногуни фарҳангиву оммавӣ маҷлисгоҳ бо 320 ҷои нишаст низ ташкил шудааст. Ҳамчунин, баҳри тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш толори барҳавою муосири варзишӣ бунёд ёфтааст.




Дар ҳудуди муассиса ду майдонча барои футболи хурд, волейбол ва баскетбол низ ташкил гардида, имкони ташкилу баргузор намудани мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ дар онҳо мавҷуд мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сокинони саховатпешаи кишвар барои дастгирӣ аз сиёсати созандаи иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдорӣ намуда, ба омӯзгорону дигар масъулон ҷиҳати тарбияи дурусти хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ бо истифода аз шароиту имконоти муҳайёгардида дар мактаби муосири хусусии байналмилалӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо имконоту шароити таълиму тарбияи хонандагон дар таълимгоҳи нав ба корҳои сохтмони хобгоҳи Муассисаи таълимии хусусии «Мактаби муосири байналмилалӣ» оғоз бахшиданд, ки барои беш аз 270 хонандаву омӯзгорони муассисаи нави таълимӣ дар шаҳри Душанбе пешбинӣ гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи иншоот ва суҳбат бо бинокорону масъулон барои анҷоми босифати корҳои сохтмонӣ ва истифодаи масолеҳи аълосифати ватанӣ дар ҷараёни бунёди иншоот ба онҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

www.president.tj

# БО ДАРСИ СУЛҲ ОҒОЗ ГАРДИДАНИ СОЛИ НАВИ ХОНИШ БАРОИ МО АҲАМИЯТИ ХОСА ДОРАД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар 31 соли соҳибистиқлолӣ бунёд кардану таъсис додани 32 муассисаи таҳсилоти олӣ, 41 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва 3246 мактаб, аз ҷумла 156 муассисаи таълимии типи нав, яъне гимназия, литсей, мактабҳои байналмилалӣ ва 300 муассисаи томактабӣ далели возеҳи иқдомоти созандаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Танҳо дар соли 2021 ва шаш моҳи соли ҷорӣ дар қаламрави мамлакат 247 муассисаи навбунёди таҳсилоти миёнаи умумӣ барои беш аз 110 ҳазор хонанда ба истифода дода шудааст.

Имрӯз, яъне 1-уми сентябр қариб 2 миллиону 300 ҳазор нафар наврасони кишвар, аз ҷумла беш аз 1 миллиону 110 ҳазор духтарон дар муассисаҳои таълимӣ ба дарс оғоз карданд, ки 272 ҳазори онҳо (133 ҳазор духтарон) бори нахуст ба остонаи мактаб қадам гузоштанд. Ба онҳо зиёда аз 128 ҳазор нафар омӯзгорон дарс медиҳанд, ки беш аз 72 фоизашон бонувон мебошанд.

Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки мо ба чунин дастовардҳо маҳз ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва заҳмати содиқонаи халқамон ноил гардидаем.

Дар баробари фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мо ба масъалаҳоиислоҳоти соҳа, зиёд кардани маблағгузории соҳаи маориф, давра ба давра баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон, зиёд намудани бурсияву стипендияҳо, аз ҷумла стипендияи президентии «Дурахшандагон», ба тарбияи кадрҳои баландихтисос дар дохил ва хориҷи мамлакат эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Илова бар ин, бо мақсади кашфи истеъдодҳо ва тарбияи онҳо, баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ ва саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон ва тақвияти завқи зебоипарастии онҳо мо баргузор намудани озмунҳои «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат» ва дигар чорабиниҳоро ба роҳ мондем.

Ҳадафи мо аз иқдомоти зикршуда ин аст, ки ҳар фарди тоҷик таърихи пурифтихори гузаштаи худ, мероси ғановатманди фарҳангӣ ва дигар арзишҳои неки миллати бостониву тамаддунсози хешро хуб донад, ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ дошта бошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмин намудани рушди соҳаи маориф даҳҳо барномаи давлатӣ қабул ва амалӣ карда шуд. Дар зарфи 31 сол барои соҳиби саводу маърифат ва илму дониш гардонидани наслҳои наврас ба маблағи 434 миллион сомонӣ зиёда аз 735 номгӯй китобҳои дарсӣ бо шумораи умумии 50 миллион нусха нашр гардид. Ҳукумати мамлакат маблағгузориро барои рушди илму маориф сол ба сол афзоиш дода истодааст. Соли 2022 ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 706 миллион сомонӣ ё ин ки 11,3 фоиз зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар соҳаи маориф чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Яъне, барои соҳа, дар маҷмӯъ, қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа, хусусан, дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, инчунин, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати таркиби аҳолӣ кишвари ҷавонон мебошад, фаъолияти касбинтихобкунӣ ва касбомӯзӣ дар низоми маориф аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад.

Вақти он расидааст, ки касбинтихобкунии хонандагон вобаста ба рушди ҷомеа ва талаботи замон ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, зарур аст, ки ба масъалаҳои такмили ҷараёни омӯзонидани фарҳанг, расму оинҳо, арзишҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ташкил намудани маҳфилҳои рӯзгордорӣ, таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ ва барқарор намудани марказҳои таълимиву истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Дар ин раванд, барои хонандагон ташкил кардани саёҳат ба мавзеъҳои таърихӣ ва ёдгориҳои бостонии кишвар, осорхонаву китобхонаҳо ва майдону маҷмааҳои рамзҳои давлатӣ бисёр муҳим мебошад, зеро маҳз тавассути ҳалли ин масъалаҳо сатҳи тафаккур ва доираи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон вусъат ёфта, шавқу рағбати онҳо ба китобхонӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар зиёдтар мегардад ва саъю талоши онҳо барои азхудкунии таърихи бостонӣ, забони ширину шевои модарӣ ва фарҳанги ғановатманди халқи куҳанбунёди худ афзоиш меёбад.

Ҳамзамон бо ин, бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот вақти он расидааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад.

Ин масъаларо чандин бор таъкид карда будам ва ҳоло иловатан дастур медиҳам, ки гузариш ба имтиҳонҳои ҷории тестӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ ҳамаҷониба баррасӣ гардад.

Вазорати маориф ва илм, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаи таҳсилоти касбӣ доранд, ба истисноӣ муассисаҳои таҳсилоти касбии тиббӣ, вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бо китобҳои дарсӣ таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва баланд бардоштани сатҳи мазмуну мундариҷаи онҳо аз ҳисоби мутахассисони соҳибтаҷриба гурӯҳҳои корӣ таъсис дода, китобҳои дарсиро тибқи барнома ва нақшаҳои таълимии ин зинаҳои таҳсилот таҳия намоянд.

Ба талаботи стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва дар ин замина омода кардани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати мамлакат дар самти таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сатҳу сифати тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар мехоҳад. Аз ин рӯ, бояд сохтори идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ такмил дода, барои татбиқи усулҳои нави таълим тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани касбҳои коргарӣ то охири соли ҷорӣ сохтори алоҳидаи идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро ташкил диҳад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ раванди сохтмону навсозӣ ва таҳкими пояҳои моддиву техникии мактабҳо вусъати бесобиқа пайдо кард. Аммо таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони сатҳи касбияти баланд, норасоии омӯзгорони таҷрибадору забондони фаннӣ ва мақоми омӯзгор дар ҷомеа аз масъалаҳои ҳалталаби имрӯзаи соҳа мебошад. Имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар норасоии омӯзгорон 3406 нафарро ташкил медиҳад.

Соли ҷорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии равияи омӯзгориро 5323 нафар ва коллеҷҳои омӯзгориро 1830 нафар ҷавонон хатм карданд. Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо масъалаи бо кадрҳои омӯзгорӣ пурра таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар кӯтоҳтарин муҳлат ҳаллу фасл намояд.

Вобаста ба ин, ба аҳли маориф, падару модарон, зиёиёну фаъолон ва умуман аҳли ҷомеа муроҷиат карда, таъкид менамоям, ки масъалаи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани онҳоро дар мадди аввал гузоранд.

Яъне, мо - падару модарон ҳаргиз фаромӯш насозем, ки ояндаи Тоҷикистон ва фардои давлату миллат ба фарзандону набераҳои мо - наврасону ҷавонон тааллуқ дорад.

**Муҳтарам устодону омӯзгорон ва донишҷӯёну хонандагон!**

Муҳайё кардани шароит барои фаъолияти пурсамари Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон низ, ки маркази асосии тайёр кардани кадрҳои соҳаи тандурустӣ ва мутахассисони илмии соҳаи тиб мебошад, натиҷаи таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бинои асосии донишгоҳ, ки имрӯз ба истифода дода шуд, аз 9 ошёна ва масоҳати таълимии қариб 22 ҳазор метри мураббаъ иборат мебошад. Дар солҳои 2019 - 2020 ҳамаи биноҳои маҷмааи нави таълимии донишгоҳ, ки дар шаҳраки «Шифобахш» ҷойгиранд, пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуда, озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ ташкил ва ҳамаи кафедраҳо бо таҷҳизот ва дигар лавозимоти муосири тиббӣ таъмин карда шуданд.

Соли 2021, инчунин, бинои кафедраҳои соҳаи кимиё ва кафедраҳои факултети фарматсевтӣ азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардида, ба Маркази фарматсевтӣ ва истеҳсоли маводи доруворӣ табдил дода шуд.

Ҳадафи мо аз фароҳам овардани шароити мусоиди таълим аз он иборат аст, ки донишгоҳ тавонад дар самти тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ва боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии кишвар саҳми бештар гузорад.

Бинобар ин, вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва роҳбарияти донишгоҳро зарур аст, ки бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёгардида ба тарбияи кадрҳо эътибори аввалиндараҷа дода, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тақвияти заминаи моддиву техникии кафедраҳои назариявӣ ва тахассусӣ, махсусан, омода кардани иммунологҳо, генетикҳо, вирусологҳо, микробиологҳо, эпидемиологҳо ва ихтисосҳои барои соҳаи саноати дорусозӣ зарур тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳоло тибқи стандарти давлатӣ, барномаҳои таълимии тибби профилактикӣ ва озмоишгоҳӣ таҷдиди назар гардида, барои омода намудани мутахассисон чораҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд.

Дар баробари ин, зарурат пеш омадааст, ки ҷиҳати вусъат бахшидани корҳо дар ин самти муҳими соҳаи тандурустӣ ва дар сатҳи баланд гузаронидани таҳлилҳои вирусологӣ, генетикӣ, иммунологӣ ва микробиологӣ дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдӣ таъсис дода шавад.

Таъсиси пажӯҳишгоҳ на танҳо ба рушди илмҳои бунёдӣ, балки бо истифодаи технологияҳои муосири тиббӣ фароҳам овардани шароит барои хизматрасонии босифати озмоишгоҳӣ ва омода кардани мутахассисони ин соҳа мусоидат менамояд.

Ҷойгир кардани пажӯҳишгоҳи мазкур дар бинои собиқаи донишгоҳ, ки ҳоло озмоишгоҳи ҳуҷайраҳои бунёдӣ, панҷ кафедраи тибби назариявӣ ва озмоишгоҳи маркази таҷрибавӣ дар он қарор доранд, мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳсилоти баъдидипломӣ зинаи муҳими тайёр намудани табибон мебошад ва маҳз дар ҳамин зинаи таҳсилот хатмкардагони донишгоҳ соҳиби ихтисоси муайяни тиббӣ мегарданд. Танҳо соли гузашта шумораи онҳое, ки ба бозомӯзӣ фаро гирифта шудаанд, қариб 12 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2019-ум 22 фоиз афзоиш ёфтааст. Инчунин, ҳар сол садҳо нафар ҷавонон барои таҳсил ба муассисаҳои таълимиву илмии хориҷи кишвар фиристода мешаванд.

Илова бар ин, дар доираи ҳамкориҳои Донишгоҳи давлатии тиббӣ бо муассисаҳои таълимии давлатҳои дигар шумораи зиёди омӯзгорону донишҷӯён ҳар сол ба донишгоҳҳои бонуфузи хориҷи кишвар барои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ фиристода мешаванд.

Ҷиҳати тақвият бахшидани корҳо дар самти омода кардани кадрҳо ду сол пеш «Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд, ки татбиқи он бевосита ба рушди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ мусоидат мекунад.

Тибқи супориши Роҳбари давлат ҳангоми мулоқот бо кормандони соҳаи тандурустӣ, ки 18-уми августи соли 2020 баргузор гардида буд, бо мақсади беҳтар намудани сифати тарбияи мутахассисони тиббӣ ба «Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

Бояд гуфт, ки мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ ғайр аз Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин, дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, факултетҳои тиббию фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи тиббию иҷтимоии Тоҷикистон омода карда мешаванд, ки соли ҷорӣ онҳоро 2023 нафар хатм кардаанд.

Дар давоми 31 сол дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии дохили кишвар 31 ҳазору 614 нафар мутахассиси соҳаи тиб тайёр карда шудааст. Дар ин давра муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббиро 172 ҳазору 800 нафар ҷавонон ба итмом расонидаанд. Яъне, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббии кишвар 204 ҳазору 413 нафар мутахассис тайёр карда шудааст. Танҳо соли ҷорӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии тиббиро 16 ҳазору 640 нафар ҷавонон хатм кардаанд.

Бо дарназардошти норасоии табибон дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон соли 2016 Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон таъсис дода шуда, имсол 336 нафар хатмкунандагони нахустини он соҳиби маълумоти олии тиббӣ гардиданд.

Имрӯз тарбияи мутахассисони миёнаи тиббӣ дар 34 коллеҷ ба роҳ монда шудааст, ки аз он 18 коллеҷ ғайридавлатӣ мебошад. Ҳоло дар коллеҷҳои тиббӣ 60 ҳазору 327 нафар донишҷӯён таҳсил доранд ва соли ҷорӣ ин муассисаҳоро 14 ҳазору 615 нафар хатм кардаанд. Ин раванд имкон медиҳад, ки дар ояндаи наздиктарин муассисаҳои тандурустии кишвар бо кормандони миёнаи тиб пурра таъмин карда шаванд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сифати омода кардани кадрҳо дар коллеҷҳои тиббӣ, пеш аз ҳама, аз рӯи фанҳои тахассусии тиббӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани рушди бомароми соҳаи тандурустӣ маблағгузориро давра ба давра зиёд карда истодааст. Масалан, агар соли 2019 буҷети соҳа 1 миллиарду 740 миллион сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда соли 2022 ба 2 миллиарду 882 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 66 фоиз зиёд мебошад.

Дар натиҷа, то имрӯз, илова ба садҳо иншооти навбунёд, аксари муассисаҳои тиббии кишвар то дурдасттарин маҳалҳои аҳолинишин аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ, нақлиёти санитарӣ, дигар лавозимоти тиббӣ таъмин гардидаанд ва ҳоло сатҳу сифати ташхису табобат нисбат ба солҳои пеш беҳтар шуда истодааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар қаламрави мамлакат 2723 муассисаи тандурустӣ сохта, ба истифода супорида шудааст ва имрӯз дар кишвар 5116 муассисаи тиббӣ фаъолият дорад. Танҳо дар се соли омодагӣ ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ 1858 муассисаи тандурустӣ ва дар шаш моҳи соли 2022-юм 61 муассиса бунёд гардидааст.

Тибқи нақшаи корҳои созандагиву ободкорӣ ба ифтихори 35 – солагии Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар бунёди боз садҳо иншооти соҳаи тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳоло дар мамлакат шумораи табибони дорои маълумоти олӣ 20 ҳазору 800 нафар ва кормандони миёнаи тиббӣ зиёда аз 60 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба панҷ соли пеш, яъне соли 2017-ум мутаносибан беш аз 11 ва 16,5 фоиз зиёд мебошад.

Бо Қарори Ҳукумати мамлакат «Барномаи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои давраи солҳои 2006 - 2015» қабул ва асосан амалӣ гардид. Вале бо сабабҳои гуногун яке аз вазифаҳои асосии барномаи зикршуда - таъсис додани клиникаи донишгоҳӣ иҷро нагардид.

Аз ин лиҳоз, ба роҳбарони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва донишгоҳ супориш дода мешавад, ки доир ба ташкили клиникаи муосири донишгоҳӣ, бо шароиту таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани он ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сатҳи таълим, таъмин намудани рушди илми тиб ва пайванди илму истеҳсолот чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи тандурустӣ таъминот бо доруворӣ ва бо истифода аз захираву имкониятҳои дохилӣ ба роҳ мондани истеҳсоли дору ва молҳои тиббии ватанӣ ба шумор меравад, зеро то солҳои наздик 90 фоизи маводи фарматсевтӣ аз хориҷи кишвар ворид мегардид.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 2021 ба кишвар ба маблағи умумии 1 миллиард сомонӣ доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019-ум 500 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Бо дарназардошти вазъи зикршуда, мо баланд бардоштани иқтидори истеҳсоли маводи доруворации ватаниро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин эълон кардем.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 28-уми октябри соли 2020 «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» қабул карда шуд, ки мақсади асосии он таъмин намудани рушди устувори саноати дорусозӣ ва дар доираи ҳадафи чоруми стратегии миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати мамлакат бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ бунёд кардани корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ мебошад.

Ғайр аз ин, бо мақсади пешниҳоди имтиёзҳо ба истеҳсолкунандагони маводи доруворӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати мамлакат дар бораи номгӯйи маводи доруворации истеҳсоли ватанӣ, ки истеҳсол ва фурӯши онҳо аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад, таҳия гардидааст ва рӯзҳои наздик қабул карда мешавад.

Имрӯз дар кишвар дар 53 корхона истеҳсоли зиёда аз 308 номгӯй маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба роҳ монда шудааст. Дар се соли охир (2019 – 2021) ба маблағи 152 миллион сомонӣ маводи аз растаниҳои шифобахш истеҳсолшуда ва доруворации истеҳсоли ватанӣ ба хориҷи кишвар содирот шудааст.

Танҳо дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби ширкатҳои фарматсевтии кишвар зиёда аз 700 тонна гиёҳҳои шифобахш коркард гардида, ба маблағи умумии 76 миллион сомонӣ маводи доруворӣ содирот шудааст, ки дар муқоиса бо соли гузашта 62 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Вале ин нишондиҳандаҳо ҳоло ҳам қонеъкунанда нестанд, зеро кишвари мо бо захираҳои фаровони гиёҳҳои шифобахши худ имконияти бамаротиб зиёд намудани содироти маводи аз лиҳози экологӣ тоза ва табииро дорад. Яъне, ин сарвати бузургро табиат ба мо додааст ва мо вазифадорем, ки аз он оқилона ва самаранок истифода барем.

Дар навбати аввал, мо метавонем, ки бо истифода аз гиёҳу обҳои шифобахши кишвар саёҳати табобатиро рушд диҳем.

Дар самти истифодаи захираҳои табиати кишвар ва имкониятҳои соҳаи тандурустии мамлакат корро тавре бояд ташкил кард, ки ба хориҷа барои табобат рафтани шаҳрвандони мо тадриҷан аз байн бурда шавад ва баръакс, бо мақсади саёҳати табобатӣ ва дигар намудҳои табобат ба Тоҷикистон омадани хориҷиҳо афзоиш ёбад.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро зарур аст, ки корро доир ба муайян намудани захираҳои растаниҳои шифобахши кишвар вусъат бахшад. Инчунин, ҷиҳати дар сохтори академия таъсис додани Институти омӯзиши гиёҳҳои шифобахш чораҷӯӣ намояд.

Муайян намудани захираи растаниҳои шифобахш барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли доруворации ватанӣ низ муҳим мебошад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Хотиррасон менамоям, ки беҳтар гардонидани сифати хизматрасонии тиббӣ яке аз самтҳои асосии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба ҳисоб меравад.

Тайи солҳои 2020 - 2021 ва шаш моҳи соли ҷорӣ ҷиҳати бо таҷҳизоти тиббии муосир таъмин намудани муассисаҳои табобативу профилактикӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба маблағи умумии 775 миллион сомонӣ дастгоҳу таҷҳизоти тиббӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар натиҷаи истифодаи самараноки дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳоло нишондиҳандаҳои солимии аҳолӣ хеле беҳтар гардидааст. Масалан, соли 2021 нишондиҳандаи бемориҳои диабети қанд бори аввал дар муқоиса бо соли 2019-ум 3,4 баробар ва нашъамандӣ 2,5 баробар камтар ба қайд гирифта шудааст.

Вобаста ба ин, таъкид менамоям, ки барои истифодаи самаранок ва дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани таҷҳизоти бо маблағҳои зиёд воридгардида тайёр кардани муҳандисони техникаи тиббӣ ё электроникаи тиббӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад.

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо вазифадор карда мешаванд, ки дар хусуси дар заминаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тайёр намудани чунин мутахассисон чораҳои зарурӣ андешанд.

Яке аз мушкилоти асосие, ки мо аз рӯзҳои аввали паҳн гардидани бемории COVID - 19 рӯ ба рӯ гардидем, нарасидани табибони вирусолог ва нокифоя буданӣ озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази вирусологӣ дар кишвар буд.

Дар ин давра мо таҷҳизоти зиёд харидорӣ намудем ва ҳоло дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бинои озмоишгоҳи бехатарии биологӣ, кимиёвӣ ва вирусологии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир сохта шудааст, ки ифтитоҳи он вақтҳои наздик дар назар аст.

Ба хотири рушди тафаккури техникӣ ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла дар соҳаи тиб мо солҳои 2020 - 2040-ро «Солҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намудем, ки ҳоло соли сеюми он ҷараён дорад. Ҷиҳати амалӣ гардидани ин иқдом қарори дахлдори Ҳукумати мамлакат қабул гардид, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи амалишавии он ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Мо махсус таъкид карда будем, ки нақшаву барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти касбӣ бо бартарӣ додан ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва зиёд намудани соатҳои дарсӣ аз ин фанҳо таҷдиди назар карда шаванд, зеро бе омӯзиши амиқи ин фанҳо истифода намудани технологияҳои муосир, аз ҷумла таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ ғайриимкон мебошад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини соҳаи тандурустӣ таъмин намудани фаъолияти самарабахши муассисаҳои кумаки аввалияи тиббиву санитарӣ мебошад.

Пандемияи COVID - 19 бори дигар собит сохт, ки шабакаи чунин муассисаҳо на танҳо заминаи фарогирии умумӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ мебошад, балки дар ҳимоя аз ҳолатҳои фавқулода, пешбурди тарзи ҳаёти солим ва беҳсозии саломатии аҳолӣ низ нақши назаррас дорад.

Ҳоло барои ҳалли масъалаҳои соҳаи тандурустӣ, таъмин намудани рушди он ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст. Дар доираи ин лоиҳаҳо то соли 2025 азхудкунии маблағи умумии беш аз ду миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи тандурустӣ дар самти ҳифзи саломатии модарон ва кӯдакон бо истифода аз усулҳои навтарини ташхису табобат пешравиҳои назаррас ба даст омадаанд.

Имрӯз дар кишвар барои ҳифзи саломатии модарону кӯдакон 15 ҳазор кат фароҳам оварда шудааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида дар самти беҳтар гардонидани шароит ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, бунёд ва бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ рӯзи 23-юми июли соли ҷорӣ шумораи аҳолии Тоҷикистон ба 10 миллион нафар расид.

Хотирнишон менамоям, ки ба 10 миллион нафар расидани аҳолии кишвар масъулияти кормандони соҳаи тандурустӣ, хусусан, соҳаи хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдаконро боз ҳам бештар месозад.

Тибқи маълумоти оморӣ, кӯдакон (аз рӯзи таваллуд то синни 18-солагӣ) 40 фоизи аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Вале барои хизматрасонии чунин шумораи зиёд дар муассисаҳои тандурустии кишвар ҳамагӣ 1238 воҳиди кории табибони кӯдакона мавҷуд аст, ки то имрӯз аз он 160 воҳиди корӣ холӣ мебошад.

Дар мамлакат табибони кӯдакона дар факултетҳои педиатрии ду донишгоҳи давлатии тиббӣ тайёр карда мешаванд, ки ҳоло дар онҳо 1536 нафар донишҷӯён таҳсил доранд. Соли ҷорӣ факултетҳои номбаршударо 226 нафар донишҷӯён хатм кардаанд.

Бо дарназардошти он ки ҳар сол дар кишвар ба ҳисоби миёна зиёда аз 240 ҳазор кӯдак таваллуд мешавад, зарур аст, ки дар оянда ба масъалаи тайёр намудани табибони бемориҳои кӯдакона афзалияти бештар дода шавад.

Ҳамчунин, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар сохтору мақомоти марбута супориш дода мешавад, ки пешниҳоду хулосаҳои худро доир ба таъсиси беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои кӯдакона ва беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти Маркази илмиву клиникии педиатрия ва ҷарроҳии кӯдакона ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

**Муҳтарам устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва кормандони соҳаи тандурустӣ!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, дар баробари пешравиҳо дар соҳаи тандурустии мамлакат, ки яке аз соҳаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ мебошад, дар самти тайёр кардани кадрҳо, бо мутахассисони сатҳи баланди касбият таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ ва боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ камбудиву масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд.

Сари вақт бартараф намудани онҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, дар навбати аввал, вазифаи роҳбарияти вазорат, роҳбарону мутахассисон ва кормандони муассисаҳои тандурустӣ мебошад.

Таъкид менамоям, ки рисолат ва вазифаи мову шумо дар ин раванд содиқона хизмат кардан ба мардуми Тоҷикистон аст ва шумо бояд ин вазифаро бо камоли масъулият ва дар сатҳи баланд иҷро намоед. Зеро тавре ки борҳо гуфтаам, ба давлат миллати солим зарур аст ва ҳамаи мо бояд, пеш аз ҳама, ғамхори инсон, яъне мардуми кишварамон бошем.

Ҳар як табиб ё корманди соҳаи тандурустӣ барои шифо бахшидани беморон бояд на танҳо донишу таҷриба ва малакаи баланди касбӣ, инчунин, меҳрубониву муоширати хуб ва ҳисси инсондӯстиву ғамхорӣ нисбат ба онҳоро дошта бошад.

Шумо - устодону омӯзгорони муҳтарам, дар баробари ба шогирдон омӯзонидани илми табобати инсон, ба онҳо маданияти баланди муошират ва хислатҳои хуби инсониро таълим диҳед ва фаромӯш накунед, ки мо – тоҷикон миллати соҳибмаърифат ва тамаддунсоз ҳастем.

Шумо, ҳамчунин, вазифадор ҳастед, ки ба мардум аҳамияти тарзи ҳаёти солим, риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона ва маҳалли зистро ҳамеша ташвиқ кунед ва ба онҳо фаҳмонед, ки сабаби пайдоиш ва паҳншавии ҳар гуна бемориҳои сироятӣ риоя накардани тозагӣ ва қоидаҳои беҳдошти шахсиву ҷамъиятӣ мебошад.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки тамоми кормандони соҳаи тандурустӣ – роҳбарону масъулон ва мутахассисон, устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбии тиббӣ ва табибону ҳамшираҳои шафқат вазифаи касбӣ ва рисолати инсонии худро дар назди халқи Тоҷикистон минбаъд низ бо заҳмати софдилона ва садоқат ба касби худ иҷро менамоянд.

Дар охир тамоми устодону омӯзгорон, хонандагону донишҷӯён ва ҳамаи кормандони соҳаҳои маорифу тандурустиро бори дигар ба ифтихори Рӯзи дониш, ба истифода додани бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ватани азизамон, ки баъди як ҳафта фаро мерасад, самимона табрик мегӯям.

Ба тамоми кормандони соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, устодону омӯзгорон барори кор, ба донишҷӯёну хонандагони мамлакат хониши хубу аъло, одобу ахлоқи шоиста ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу оромии ҳамешагӣ ва пешрафту ободии рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҳамеша саломат ва сарбаланду саодатманд бошед!**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Бо мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 бармеоянд, инчунин, барои ҷалби олимону мутахассисон, рӯзноманигорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносон, донишҷӯён, хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, тақвияти маърифати экологии аҳолӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯъҳои «Маърифати экологӣ» ва «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» - ро эълон менамояд.**

Озмунҳо то 1 декабри соли 2022 баргузор ва то 20 январи соли 2023 ҷамъбаст карда мешаванд. Шартҳои баргузор намудан аз ҷониби Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тавассути **рӯзномаи «Садои мардум» (sadoimardum@yandex.ru), сомонаи www.parlament.tj,** шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор карда мешаванд.

Матолиби пешниҳодшаванда бояд ҷараёни татбиқи силсилаи ташаббусҳои Президенти мамлакат, ба монанди Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Соли 2025 - Соли ҳифзи пиряхҳо», «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» ва «Солҳои 2020 - 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»- ро фаро гиранд.

Довталабон мақола, гузориш, мусоҳиба ва дигар матолибро дар хусуси масъалаҳои обшавии пиряхҳо, ҳифзи ҳавои атмосфера ва манбаъҳои об, кам кардани газҳои гулхонаӣ, татбиқи «иқтисоди сабз» ва дигар мавзӯъҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим, ки дар воситаҳои ахбори омма (рӯзномаю маҷаллаҳо, радио ва телевизион) интишор менамоянд, ба комиссия пешниҳод месозанд.

Дар озмунҳо шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ё гурӯҳи эҷодӣ, олимону коршиносон, рӯзноманигорон ва донишҷӯёну хонандагон, ширкат варзида метавонанд. Шумораи матолиб маҳдуд нест ва метавонанд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод шаванд.

Иштироккунанда ба комиссия ариза, ки дар он ному насаб, суроға, ҷои кору таҳсил, рақами телефон ва маълумот оид ба нашри мақолаву асарҳо, наворҳо, гузориш ва мусоҳибаҳо дар воситаҳои ахбори омма нишон дода шудаанд, пешниҳод менамояд. Ба ариза нусхаи мақолаву мусоҳибаҳо дар варақи андозааш А4, бо шрифти Times New Roman Tj 14 замима мегардад. Нусхаи электронии мақола ба суроғаҳои электронии **e.k.ekologi@yandex.com. ва sadoimardum@yandex.ru** ирсол карда мешавад.

Ғолибон дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо диплому сипоснома ва тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида мешаванд. Барои иштирокчиёни фаъол низ туҳфаҳои хотиравӣ супорида мешаванд.

Масъулони баргузории озмунҳо Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияи расмии Маҷлиси Олӣ - «Садои мардум» мебошанд.

Аз натиҷаи озмунҳо дар рӯзномаи «Садои мардум», сомонаи расмии www.parlament.tj, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма иттилоъ нашр карда мешавад.

Довталабон матолибашонро дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ зери рубрикаи «Ба Озмуни ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим» ва ё «Ба озмуни ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Маърифати экологӣ» чоп намуда, сипас, ба суроғаи электронии Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **e.k.ekologi@yandex.com ва нусхаи аслиро ба суроғаи ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42** бояд равон намоянд.

# JOB ANNOUNCEMENT:

**Disaster Law Legal Consultant (local)**
**JOB TYPE: Full-time**
**Position Disaster Law Legal Consultant (local)**
**Project Disaster Law Reform Project in Tajikistan**
**Location Dushanbe / Red Crescent Society of Tajikistan**
**Duration 4 Months**
**SALARY: Negotiable**

**BACKGROUND AND JUSTIFICATION**

Tajikistan ranks 99th in terms of disaster risk globally in 2022. Its common hazards are mudflow, avalanche, drought and earthquakes. Mudflows cause the highest level of monetary loss, followed by drought. The country also ranked 121st in the global climate-risk index in 2021. While the overall risk rankings are not significantly high, such risks have had a high impact on the sustainable development of Tajikistan, and will continue to do so unless relevant disaster prevention and preparedness measures are implemented. Part of such measures is legal preparedness for disasters.

The Tajikistan Law on the Protection of the Population and Territories from Natural and Man-made Emergencies is the core legal basis for disaster risk management in the country. It establishes the responsibilities and authority of the State and the designated agency for disaster risk management (DRM), as well as the rights and responsibilities of communities in preparing for and responding to disasters. The Law is implemented through various by-laws (e.g. by-laws on customs and taxation). However, there are still some gaps in implementation. For example, there is a lack of by-laws on the standards for requesting and accepting international assistance during disasters, as well by-laws that support government mechanisms for integrating disaster risk reduction and climate change adaptation measures.

The project seeks to establish the Disaster Law program within the regular programing of the National Society, develop the essential skills needed to advocate for legal preparedness for disasters, and provide technical support to Tajikistan government and parliament in strengthening the country's disaster law framework.

Further information is provided in the attached Project Description.

**PURPOSE**

The Disaster Law Legal Consultant shall primarily support the Red Crescent Society of Tajikistan (RCST) and the Committee for Emergency Situations (CoES) in crafting evidence-based legal assessment and recommendations for the reform of the disaster law framework in Tajikistan. Towards this end, the consultant shall provide support through legal research, analysis and drafting, and support in the facilitation of consultations between RCST, CoES, NPDRR and other relevant stakeholders.

**ACTIVITIES AND OUTPUTS**

1. Technical advice and facilitation of the legal assessment and legislative drafting process for Disaster Laws/by-laws

1.1. Conduct legal research, provide legal analysis, and draft legal opinion/recommendation to address the specific issues and gaps in the disaster law framework of Tajikistan

1.2. Support the organization and facilitation of meetings, consultations and peer learning sessions with the RCST, CoES, NPDRR or other inter-agency technical working group (TWG) established for this purpose. The consultations will focus on legal assessment, in order to provide legal and policy advice and ensure effective discussions within the inter-agency TWG and other stakeholders

1.3. Propose concrete and evidence-based recommendations for the disaster law reform implementation roadmap, specifically on the content of proposed laws/by-laws or in the review of existing by-laws;

2. Project coordination: Support coordination between RCST project team, CoES, NPDRR, UN and other partners for the effective implementation of the disaster law reform project

3. Monitoring of legal/policy process: Closely monitor relevant policy or legislative processes that have an impact on the review and drafting of the by-laws, including where further technical support, dialogue, trainings or research is required.

**TIMELINE AND WORKLOAD**

The expected start date is 2nd week September 2022.

The period of the consultancy agreement is for 4 months, full-time.

**QUALIFICATIONS**

- Tajik National;
- Degree in Law;
- At least 15 years work experience in the development of legislation and/or policies in Tajikistan;
- Has a good understanding of disaster risk management concepts, systems and processes in Tajikistan and internationally;
- Excellent writing and verbal skills in Tajik, Russian and English;
- Able to meet deadlines.

**EXPRESSION OF INTEREST**

1. Expression of interest and proposal (not more than five pages). This should outline in detail the proposed methodology, timeline / Gantt chart, and consultancy fees;
2. Cover letter (not more than one page) clearly summarizing the applicant's qualifications.
3. Contact details of three (3) professional referees;
4. Curriculum Vitae (CV);
5. A sample of previous written work that is relevant to the topic of this consultancy is preferred.

Only short-listed candidates will be contacted.

Interested candidates can submit their documents by email to: alisher.sdv@gmail.com

Application deadline: **September 5, 2022.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411303 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнӯъгоҳи таърихӣ - фарҳангии Ҳисор» | Таъмир ва таҷдиди асосии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.09.2022 15:00:00 |
| 2 | 411286 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 13.09.2022 10:00:00 |
| 3 | 411282 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 21.09.2022 16:40:00 |
| 4 | 411283 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Мавод ва таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 21.09.2022 16:45:00 |
| 5 | 411284 | Маркази саломатии ноҳияи Ҳисор | Молҳои тиббӣ ва доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 21.09.2022 16:50:00 |
| 6 | 411285 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 21.09.2022 17:10:00 |
| 7 | 411287 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 22.09.2022 11:35:00 |
| 8 | 411288 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Курткаи махсуси корӣ ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 22.09.2022 11:45:00 |
| 9 | 411290 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Пиёзаки гули лола ва поруи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 22.09.2022 12:00:00 |
| 10 | 411289 | «Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14-и дорои кӯдакистон»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2022 12:02:00 |
| 11 | 411291 | Агентии обуҳавошиносӣ | Техникаи маишиву идоравӣ, телефонҳои мобилӣ, коммутатор, обченкунак, барометр ва нассоси обкашӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 22.09.2022 13:30:00 |
| 12 | 411295 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и Ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 22.09.2022 13:55:00 |
| 13 | 411294 | Муассисаи давлатии «Телевизиони сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» | Компютери фардӣ, кондитсионер, курсӣ, сейф, таъминоти доимии барқ ва телесуфлёр | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 22.09.2022 14:00:00 |
| 14 | 411298 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45 ҳуҷрадор дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 15 | 411299 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 16 | 411300 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои ободонӣ - гузоштани фарши роҳравҳо бо сангҳои гуногун) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 17 | 411301 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд | Телевизори ранга | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 18 | 411302 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Битуми тамғаи «БНД 60/90» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.09.2022 14:30:00 |
| 19 | 411297 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 22.09.2022 16:16:16 |
| 20 | 411296 | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.09.2022 17:00:11 |
| 21 | 411304 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 15:02:39 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

Бо мақсади иҷрои талаботи қисми 4 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ҶДММ «Арвис» дар бораи камшавии сармояи оинномавии эълоншудаи худ то ҳадди воқеан ташаккулёфта эълон менамояд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0490226-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон 21 октябри соли 2021 ба Қурбонмаҳмадзода Усмон Сафарбек додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ тахти №6047772 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ бо РМА 240003863-и гумшуда, мутааллиқ ба ҶДММ «Саховат-Н», ки онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод 9 апрели соли 2010 додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳамкории №26-и гумшуда аз 2 сентябри соли 2019 байни ҶДММ «Себистон-2018» ва шаҳрванд Мирзокалонова Фотима Ҷалиловна баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи МТ –I № 091298 тахти қайди 8975-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе 28 декабри соли 1988 ба Саидова Норбиби Холовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2020 ба Самиев Зоирҷон Хайридинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақавии № 18998 - и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 ноябри соли 2019 ба Раҷабов Бахритдин Таҷидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии № А00828433-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14 феврали соли 2017 ба Раҷабов Бахритдин Таҷидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1992 бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, бинои 271, ҳуҷраи 3 ба Назарова Гулшод Абдураҳимовна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Марҳам-460», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 1810000574 буда, онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

**РЕАБИЛИТАЦИЯ 264 УЧРЕЖДЕНИЙ ПМСП**

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта « Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 20 - Реабилитация учреждений ПМСП район -Восе**

**2. Пакет 21 - Реабилитация учреждений ПМСП район Файзобод.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$ 16 сентября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан**
**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221-06-91.**

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 2 сентябри соли 2022, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

Навбатдорони шумора
С. Суннатӣ ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров